# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ, номзади илмҳои педагогӣ, Шехов Акбар Маҳмадиевич ба диссертатсияи Мирмаматова Манижа Рустамовна дар мавзӯи “Рушди самараноки фаъолияти таълимӣ-тарбиявии хонандагон тавассути истифодаи муносибати инфиродӣ-таврицавӣ”, ки ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА – 077 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст.

Таҳаввулоти глобалии ҷомеаи муосир дар соҳаи иктисодии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба соҳаи маориф низ бе таъсир намондааст. Ба шахсиятҳои дорои сифатҳои ҳадафманду боазм, ташаббускору боғайрат ҷомеаи имрӯза ниёз дорад. Дар замони муосир табаддулот ва инкишофи фаъолияти ҳамаи қишрҳои ҷомеа ба ислоҳоти иктисодиву сиёсӣ гузаштан ба методҳои нави хоҷагидорӣ такя мекунад, дар чунин шароит бозсозии фаъолияти муассисаҳои тахсилоти миёнаи умумӣ, демократикунонии раванди таълиму тарбия, дигаргунсозии мундариҷаи маориф сурат мегирад.

Диссертатсияи Мирмаматова М.Р. аз муқаддима, се боб, хулосаҳои бобҳо, хулосаи умумӣ ва феҳристи адабиёт иборат аст.

Ҷолиби қайд аст, ки дар **муқаддимаи** диссертатсия аз ҷониби диссертант дараҷа ва сатҳи таҳқиқ шудани мавзӯъ, муҳимияти таҳқиқу баррасии муаммои мавзуи таҳқиқ, ҳадаф, объект, предмет ва вазифаҳои таҳқиқоти илмӣ, фарзияи таҳқиқот, методҳои таҳқиқот, сарчашмаҳо ва давраҳои асосии таҳқиқот, асосҳои методологӣ ва назариявӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, саҳми шахсии муаллиф, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, тавсиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот ба таври возеҳ шарҳу тафсив ёфтаанд.

**Боби якуми** диссертация, ки «Асосҳои илмӣ-назариявии ташкили муносибати инфиродӣ-тафриқавӣ дар таълим» ном дорад, бо такия ба дидгоҳҳои олимони соҳа таълими инфиродӣ-тафриқавӣ ҳамчун муаммои педагогӣ баррасӣ шуда, моҳияти педагогии он ошкор гардидааст ва тавсифи умумии ин навъи таълим анҷом ёфта, шароити педагогӣ ва

меъёрҳои ташкили муносибати инфиродӣ-тафриқавӣ дар таълим муайян шудааст. Ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки равоншиносон роҳҳои он нишон дода шудааст, ки педагогон онро пайрави намуда, метавонанд дар фаъолияти таълимӣ методҳо ва шаклҳои ташкили омӯзишро мувофиқи дидгоҳи инфиродӣ ба хонандагон татбиқ намоянд. Ба чунин таърифоти муаллиф розӣ шудан мумкин аст. Дар фасли дувуми ин боб «Моҳияти педагогӣ ва тавсифи таълими инфиродӣ-тафриқавӣ» қайд гардидааст, ки дар таҳқиқи масъалаи таълими инфиродӣ ва тафриқавӣ мавҷуд набудани истилоҳоти ягонаи илмӣ мушкилоти асосӣ мебошад. Мафҳумҳои асосии он (“тафриқа”, “инфиродӣ”, “муносибати тафриқавӣ”, “муносибати инфиродӣ”, “таълими тафриқавӣ” ва монанди инҳо) имрӯз дар дидактика шарҳу таърифи ягона надошта, истилоҳи “тафриқа” аксаран ба маънои маҳдуд баррасӣ мешавад. Дар фасли севуми ин боб «Шароити педагогӣ ва меъёрҳои ташкили муносибати инфиродӣ-тафриқавӣ ба таълим» баррасӣ гардидаанд. Ташкили таълимии инфиродӣ-тафриқавӣ назардошти сатҳи соҳибтахассусии омӯзгор тақозо дорад, ки пеш аз ҳама, ба сатҳи маҷмӯи маҳорати педагогӣ вобаста аст.

Қобили қайд аст, ки аз тарафи муаллифи рисола Мирмаматова М.Р. дар ин боби таҳқиқот оиди ҷамъбаст ва хулоса намудани донишҳои илмӣ-назариявӣ вобаста ба доираи муаммои таҳқиқот кори ҷиддӣ ва самараноки назариявӣ анҷом дода шудааст.

**Дар боби дуввуми** диссертатсия «Муносибати инфиродӣ-тафриқавӣ шакли такмили низоми таълим дар мактаби муосир» аз ҷониби муаллифи рисола муаммоҳои дар раванди таълим фардикунонии таълим ва шакли тафриқавии кор бо хонандагон, хусусиятҳои ташкили фаъолияти таълимии хонандагон дар дарси забони англисӣ, истифодаи марҳилаи ташкили фаъолияти таълимӣ бо назардошти сатҳи дониш ва маҳорат, самаранокии муносибатҳои инфиродӣ ва тафриқавӣ, зарур будани ташкили фаъолияти таълими бо муносибатҳои инфиродӣ ва тафриқавӣ дар ҳама марҳилаҳои азхудкунии дониш ва малакаҳо ба назар мерасанд.

Дар фасли якуми ин боб «Аз таҷрибаи ташкили таълими инфиродӣ-тафриқавӣ дар таълими муосир» бахшида шудааст, ки дар ин фасл муносибатҳои инфиродӣ ва тафриқавӣ ҳамчун воситаи рафъи ихтилофи байни талаботи раванди таълим ва имкониятҳои воқеии кӯдак нишон дода шудааст.

Қобили қайд аст, ки дар марҳалаи иҷрои вазифаҳои таъҷилӣ ҷиҳати омодагии шӯрои таълимӣ - методӣ, китобхона, кафедраҳои педагогика ва психология, шуъбаи таълимӣ – методӣ дар татбиқи раванди омодасозии омӯзгорон корҳои ташкилӣ ба роҳ монда шудаанд ва оиди мазмуну мундариҷаи онҳо маълумот дода шудааст.

Боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳо ва тавсияҳои дар рисола пешниҳодгардида, бо консепсияи илмии педагогӣ, усулҳои назарӣ ва эмперии таҳқиқот, инчунин таҳлили шароит ва натиҷаҳои корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ, тасдиқи нуктаҳои дар фарзияи таҳқиқот пешниҳодгардида, истифодаи усулҳои таҳқиқоти илмии ба вазифаҳои марҳалаҳои асосии тадқиқот мутобиқ ва таҷрибаи амалии муаллиф таъмин гардидааст.

Дар фасли дувуми боби мазкур "Хусусиятҳои ташкили фаъолияти таълимии хонандагон дар дарси забони англисӣ бо муносибатҳои инфиродӣ ва тафриқавӣ" таҳлил гардидааст. Самаранокии таълими забони хориҷӣ аз бисёр ҷиҳат ба ташкили дақиқ ва фасеҳи раванди таълим дар дарс, бо маҳорати омӯзгор дар ба назар гирифтани азхудкунии воқеии маводи барномавии хонандагон, инчунин ба хусусиятҳои фардии ҳар як хонанда вобаста аст.

Дар фасли сеюми боби мазкур "Истифодаи таълими инфиродӣ-тафриқавӣ дар дарсҳои забони англисӣ-воситаи ташаккули шахсияти хонандагон" баррасӣ шуда, инфиродикунонии таълимро аз рӯи параметрҳои гуногун амалӣ кардан мумкин аст. Аввалан, ҳар як хонанда барои аз худ кардани маводи таълимӣ вақти гуногун сарф мекунад ва ин вақт барои ҳар як кӯдак дар ёд кардани матн инфиродӣ аст.

Дар боби сеюми диссертатсия “Самаранокии ташкили муносибати инфиродӣ-тафриқавӣ дар таълим” мундарича ва ташкили муносибати инфиродӣ-тафриқавӣ дар таълими хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ баррасӣ гардида, технологияи ҳамгирои таълими инфиродӣ-тафриқавӣ тавсиф шудааст.

Дар фасли якуми ин боб “Мундарича ва ташкили муносибати инфиродӣ-тафриқавӣ дар таълими хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ” раванди татбиқи низоми таълими инфиродӣ-тафриқавӣ (ТИТ) забони англисӣ дар гимназияи №”4-уми шаҳри Хуҷанд тавсиф ёфт, ки бо такя ба намунаи Мактаби фардо ҷори гардидааст.

Дар фасли дуюми ин боб “Технологияи ҳамгирои муносибати инфиродӣ-тафриқавӣ дар таълими хонандагон” тавсиф шудааст. Барои коркарди ғояҳо оид ба технологияи ҳамгирошудаи таълими инфиродӣ-тафриқавӣ ғояҳои ҷолиби харитаҳои академик У.Зубайдов истифода шуда, асоси лоиҳаҳои таълими ва харитаҳои мавзӯии дар гимназия таҳия шударо ташкил доданд.

Дар фасли севуми ин боб “Натича ва самарабахшии технологияи ташкили муносибати инфиродӣ-тафриқавӣ дар таълими хонандаогон” тавсиф ёфта, воситаи муҳимтарини муносибати инфиродии хонандагон таълими тафриқа ба ҳисоб меравад. Ба ақидаи бархе аз олимон ҳамон раванди таълим тафриқавӣ ҳисобида мешавад, ки “барои он ба назар гирифтани фарқиятҳои маъмули инфиродии хонандагон хос бошад”. Дар раванди фаъолияти таълими бо хонандагон ду меъёри мавҷудаи таълими тафриқавиро ба кор бурдан ба мақсад мувофиқ аст: равшаниандозӣ ва омӯзиш.

**Аҳамияти назариявии** кори диссертатсионӣ дар он зоҳир меёбад, ҳамчун назариявӣ оид ба мафҳум ва моҳияти “муносибати инфиродӣ-тафриқавӣ дар таълим”, навъ ва шаклҳои маъмули саволу масъалаҳои корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ, ташхиси педагогӣ, бартари ва нуктаҳои мусбии санҷишҳои педагогӣ ва ғайра ҳангоми иҷрои корҳои илмӣ гузаронидани таҳқиқотҳо аз ҷониби нафарони дахлдор истифода бурда

шавад.

Дар нуктаҳои ба дифоъ пешниҳодшудаи муаллиф ба таври пурмаъно моҳияти консепсияи мазкур дарк карда мешавад. Ба таври умум, консепсия ба қадри кифоя мувофиқ карда шудааст ва эроди ҷиддиро талаб намекунад. Мазмуни асосии он дар бобҳои диссертатсия густурда шуда, мантиқи ифодагардии маводҳои назариявӣ ва тавсифи таҳқиқоти эмпирикиро муайян кардааст. Мантиқи мазкури таҳқиқот ба дарки мавқеи ишғолкардаи илмии муаллиф ва фаҳмидани ғояи асосие, ки ҳамчун пояи базавии коркарди консепсияи педагогии муаллиф гузошта шудааст имконият медиҳад.

Натиҷагириҳои илмии муаллифи рисола Мирмаматова М.Р. аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки ӯ барои дар амал татбиқ намудани консепсияи назарии хеш дар раванди татбиқи муносибати таълими инфиродӣ-тафриқавӣ пешниҳодҳои мушаххас аз таҷриба ва озмоишҳои анҷомдода дар ихтиёр дорад ва он метавонад дар раванди корҳои таълимиву тарбиявӣ барои баланд бардоштани самаранокии таълими инфиродӣ-тафриқавӣ хонандагон саҳми арзишманд гузорад.

**Саҳми шахсии довталаб дар таҳқиқоти мазкур аз инҳо иборат аст:** иштироки бевоситаи муаллиф дар ҳамаи марҳилаҳои таҳқиқот, дар масъалаҳои таҳлилии кори илмӣ, гирд овардани мавод ва таҳлили амиқи адабиёти илмӣ, шарҳу тафсир ва муқоисаи назарияҳои олимони соҳа; коркарди мушоҳида ва таҷрибаву озмоиш бо зикри натиҷаҳои ноилшуда; таҳқиқ намудани сохтор ва мундариҷаи корбарӣ бо хонандагон; муайян кардани имкониятҳои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҷиҳати таълими хонандагон ба истифодаи самаранокии фаъолияти инфиродӣ-тафриқавӣ; коркард ва тариқи озмоиш санҷидани сатҳи омодасозии хонандагон ба истифодаи муносибаи инфиродӣ-тафриқавӣ; амалӣ намудани кори таҷрибавию озмоишӣ, мавриди таҳлил ва арзёбӣ қарор додани натиҷаи корҳои таҳқиқотӣ; интишори мақолаҳои илмӣ доир ба мавзуи таҳқиқот.

**Дараҷаи боэътимодии натиҷаҳои таҳқиқоти** иҷрошуда бо асосҳои назариявии таҳқиқоти бунёдии педагогӣ, истифодаи маҷмӯи ба ҳам алоқаманди методҳои назариявӣ ва амалии ба мавзуъ ва вазифаҳои таҳқиқот асосёфта ифода ёфтааст, бо методологияи илмӣ, низоми методҳо, ки ҳамдигарро пурра мекунанд, бо мувофиқатии интихоб ба тавсифҳо, санҷидани методикаҳои озмоишӣ дар амалияи кори муассисаҳои миёнаи умумӣ, коркарди муносибаи инфиродӣ-тафриқавӣ таъмин гардидааст. Боваринок ва асоснокии натиҷаҳо бо асоси назариявии исботкунанда таъмин ва бо таҳқиқотҳои мантиқӣ асоснок карда шудаанд, ки дар онҳо корҳои бурдашаванда аз лиҳози экспертӣ баҳогузорӣ шудаанд.

**Эрод ва пешниҳод нисбати камбудиҳои мавҷудбуда.**

Бо баробари вуҷуд доштани натиҷаҳои арзишманд ва дастовардҳои илмии назаррас, ки маҳсули фаъолияти пурсамари муаллифи рисолаи мазкур аст, дар рисола баъзе камбудиҳо ва норасоиҳо ба мушоҳида мерасад, ки ба эътибор гирифтани он ба андешаи мо, барои боз ҳам баланд бардоштани сифати рисола кӯмак мерасонад:

1. Дар рисола мувофиқи мақсад мешуд, ки шакл ва усулҳои робита ва ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо муассисаҳои таҳсилоти олӣ оиди омодасозии хонандагон ба татбиқи инфиродӣ-тафриқавӣ ба таври мушахасс таҳқиқ мегардид.
2. Дар рисола хатогиҳои услубӣ, техникӣ дида мешавад, ки ислоҳи онҳо барои боз ҳам беҳтар намудани сифати он мусоидат менамояд.

Нуктаҳои баёншуда танҳо пешниҳод буда, ҳаргиз арзиши назариявӣ ва амалии рисолаи мавриди назарро коҳиш намедиҳад.

Дар умум, муаллифи рисола Мирмаматова М.Р. ҳадафҳои гузоштташудаи таҳқиқотро пурра ҳал намудааст, хулосаҳо тибқи вазифаҳои пешгузоштаи таҳқиқот асоснок карда шудаанд, мундариҷаи рисола мутобиқи назари мантиқӣ шакл гирифтаанд ва муаллиф соҳиби қобилияти хуби илмофарӣ мебошад.

Мазмуну муҳтавои автореферат бо фишурдаҳои он, ки бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ дар автореферат интишор гардидаанд, мувофиқати комил бо мундариҷаи рисола дошта, моҳияти корро якҷоя бо интишороти муаллиф, ки дар маҷмӯъ фарогири 20 адад мебошанд, пурра инъикос мекунанд. Дар умум 5 адади он дар маҷаллаҳо ва нашрияҳое, ки аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф карда шудаанд, ба чоп расидаанд.

Дар асоси гуфтаҳои болоӣ хулоса кардан мумкин аст, ки диссертатсияи Мирмаматова Манижа Рустамовна дар мавзӯи "Рушди самаранокии фаъолияти таълимӣ-тарбиявии хонандагон тавассути истифодаи муносибати инфиродӣ-тафриқавӣ" таҳқиқоти илмӣ-тахассусии анҷомёфта ҳисобида шуда, аз рӯи ҳаҷм, арзиши назариявӣ ва амалӣ ба талаботи Низомномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст, пурра мувофиқат мекунад ва муаллифи он Мирмаматова Манижа Рустамовна ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 6D.КОА-077 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳислот арзанда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
номзади илмҳои педагогӣ, мудири
кафедраи забонҳо бо курси иттилооти
компютерии МДТ "ДТБКСТЧТ" **Шехов А.М.**
"4" 08 соли 2025 .

*Имзои Шехов А.М.-ро тасдиқ менамоям:*

*Сардори шуъбаи кадрҳои МДТ* "ДТБКСТЧТ" ***Ҳафизова Ф.А.***

**Маълумот барои тамос:** Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Исмоили Сомонӣ 59, *МДТ* "ДТБКСТЧТ" тел.: +99290004-97-97,
Почтаи электронӣ: Akbar87@inbox.ru.

ПОДПИСЬ
ЗАВЕРЯЮ
НАЧАЛЬНИК ОТДЕЛА КАДРОВ
"4" 08 2025 г.